# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-ӣ назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
07 октябри соли соли 2025, №98

Барои сазовор донистани Файззода Моҳинав Раҷаб, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар таърихи 12 июли соли 2025, суратмаҷлиси № 88 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон Суроға: 737500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Файззода Моҳинав Раҷаб 17 апрели соли 1980 дар Ҷумхурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1997 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2002 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси бо муваффақият хатм намудааст.

Моҳи августи соли 2003 то 2004 ба ҳайси мутахассиси пешбари шуъбаи умумии шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ намуда, аз соли 2011 то 2016 ба ҳайси омӯзгори фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ дар литсей интернати Президентӣ барои кудакони болаёқати шаҳри Душанбе фаъолият намуда, аз соли 2017 то ин ҷониб дар факултети муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳайси мушовири академи фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2020, №10-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда гардидааст.

Рисолаи номзадии Файззода Моҳина Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Азиззода Убайдулло Абдулло дар Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 31 декабри соли 2020, таҳти рақами №5, тасдиқ шудааст

Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар вақти муқарраршуда аз ҷониби унвонҷӯ супорида шуда, шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз 15 майи соли 2025, №55 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2025, №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Азиззода Убайдулло Абдулло -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Буризода Эмомалӣ Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Аминжонов Абдураззоқ Худойшукурович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (н. Бохтар).

Муассисаи пешбар – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Мансурзода Амиршоҳ Мансур, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, (12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), сардори факултети №2-и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Каримзода У.К. ва котиби ҷаласа сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон, майори милитсия Курбонзода Ҷ.Ғ, имзо ва аз ҷониби ректори

Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал – майори милитсия Насуриён П.А.санаи 04 сентябри соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Файззода Моҳинав Раҷаб оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Файззода Моҳинав Раҷаб нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1–М]. Файзова, М.Р. Анъанаҳои таърихии итҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ [Матн] / М.Р. Файзова, У.А. Азиззода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 35-41.

[2–М]. Файзова, М.Р. Нақши анъанаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣдар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова, У.А. Азиззода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2 (46). – С. 44-52.

[3–М]. Файзова, М.Р. Баъзе ҷанбаҳои назариявии институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова, У.А. Азиззода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №2 (30). – С. 86-100.

[4–М]. Файзова, М.Р. Баъзе масъалаҳои инкишофи қонунгузории оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Р. Файзова, У.А. Азиззода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – №4 (52). – С. 53-61.

[5–М]. Файзова, М.Р. Инкишофи мафҳум, моҳият, таъиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистн / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 10. Қисми II. – С. 231-239.

[6–М]. Файзова, М.Р. Таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова, Ф.А. Бобохонов // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ» / Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – №4 (101). – С. 28-37.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[7–М]. Файзова, М.Р. Аосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. – 2022. – №2 (июл-декабр). – С. 92-99.

[8–М]. Файзова, М.Р. Инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 646-655.

[9–М]. Файзова, М.Р. Инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ [Матн] / М.Р. Файзова // маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конституция как фактор стабильности государства» (Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат) (25 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 117-121.

[10–М]. Файзова, М.Р. Баъзе масъалаҳои ташаккули институти никоҳ дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт / Бахши илмҳои ҳуқук, таърих ва иқтисод. – 2024. – №1 (1). – С. 81-89.

[11–М]. Инкишофи афҳуми никоҳ ва нақши он дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ [Матн] / М.Р. Файзова // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2014 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (6 уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 586-591.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**– Абдулхонов Файзалӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**– Бобокалон Ғоибназар Мерган** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Давлатзода Компрон Давлат** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Асосан, эродҳо масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла муаллиф дар таҳқиқот муаян накардааст, ки кадом намуди чораҳо дар самти нигоҳ доштани никоҳ бояд андешида шаванд; муаллиф моҳияти қонуни пешниҳодкардаи худро (Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми ҳуқуқии зану шавҳар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») ва зарурияту вазифаҳои онро ҳангоми ҳимояи ошкорои рисолаи диссертатсионӣ бояд

шарҳ диҳад; ақидаи муллиф оид ба “никоҳ бо оила робитаи зич дошта, бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд” баҳсбарангез мебошад; муаян кардани мавқеи дин дар никоҳ ва тартиби бекор кардани он; санадҳои зериқонуни дар танзими муносибатҳои никоҳу оила ва меърос чи гуна қабул намудан мумкин аст; қабул намудани «Стратегиям давлатии рушди никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пеши роҳи чунин омилҳои хатарафзо дар самти никоҳ ва дурнамои рушди институти никоҳро гирифта метавонад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** қонунгузории шуравӣ оид ба никоҳ дар байни солҳои 1917-1970 як қатор санадҳои ҳуқуқии дар ин самт таҳия ва қабул намудааст. Қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ танҳо дар солҳои 70-ум бо қабули Кодекси ҶШС Тоҷикистон оид ба никоҳ ва оила ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон дар сатҳи лозима муносибатҳои ҳуқуқиро оид ба никоҳ мавриди танзим қарор дода, нисбат ба санадҳои қаблан қабулгардида мукаммал ба ҳисоб мерафт;

– **пешниҳод шудааст:** барои татбиқи самарабахши меъёрҳои қонунгузории оилавӣ зарурати таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои махсуси ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд. Ҳуҷҷатҳои мазкур метавонанд дар ҷиҳати амалӣ

гардонидани меъёрҳои қонунгузорӣ кӯмак расонда, сатҳи маърифати ҳуқуқии оилавию никоҳиро беҳтар созанд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мешавад, ки «Консепсияи давлатии сиёсати оилавӣ ва никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2035» таҳия ва қабул карда шавад;

– **исбот шудааст:** дар раванди ташаккули қонунгузории оилавӣ ва никоҳ як қатор мушкилот ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, санадҳои зерқонунӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавии дахлдор барои татбиқи меъёрҳои Конститутсия ва Кодекси оилавӣ таҳия ва қабул нагардидаанд. Бисёре аз меъёрҳои қонунгузории оилавӣ бо талаботи замони муосир ҳамоҳанг нестанд. Ҳамзамон, дар натиҷаи тағйирот ва иловаҳои пайдарпай мазмун ва моҳияти бисёр меъёрҳои қонунгузории оилавӣ, махсусан Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, камранг гардидааст. Дар айни замон, қонунгузории кишвар, ки қаблан дар солҳои 90-ум қабул шуда буд, бо таҳрири нав такмил ва қабул мегардад (аз ҷумла Кодекси маданӣ, Кодекси андоз, Кодекси ҷиноятӣ). Бо ин сабаб, зарур аст, ки Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бознигарӣ ва қабул шавад.

– **ҷорӣ намудани;** ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои ҳамсарон, ки нишонгари мақоми ҳуқуқии онҳо мебошанд, дар қонунгузории амалкунанда пурра инъикос нашудааст. Аз ин лиҳоз, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми ҳуқуқии зану шавҳар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақсаднок ва зарури аст. Қонуни мазкур бояд меъёрҳои ягонаи танзимкунандаи мақоми ҳуқуқии зану шавҳарро дар бар гирад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи никоҳ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, ин таҳқиқотҳо ба мукаммалсозии адабиёти таълимӣ дар соҳаи оила ва никоҳ, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин бахш равона шудаанд.

Аз ҷиҳати назариявӣ, аҳамияти таҳқиқот дар истифодаи маводи диссертатсионӣ барои таҳлил ва хулосабарории масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи маданӣ зоҳир мешавад, ки маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти никоҳ метавонанд дар ҳалли як қатор мушкилот дар илмҳои ҳуқуқи оилавӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи маданӣ ва умуман илмҳои ҳуқуқшиносӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта;** ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафӣ, таърихӣ, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (назарияи

давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ), инчунин, дар таҳқиқот усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** институти оила, ки аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва сипас ба низоми ҳуқуқи Шӯравӣ ба таври меросӣ гузариш ёфтааст, дар раванди мазкур марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, баъзе арзишҳо ва меъёрҳои навро қабул кардааст. Арзишҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ то давраи муосир расидаанд, вале мутаассифона, аксари онҳо то ҳол аз таҷдиди ҷиддӣ бархурдор нашудаанд. Ин андеша бар он асос ёфтааст, ки бисёре аз масъалаҳои марбут ба никоҳ, аз ҷумла шартҳо ва тартиби бастани он, мисли он чи дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон вуҷуд доштанд, дар низоми муосири ҳуқуқӣ низ бетағйир боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, шартҳо, тартиби бастан, мавҷудияти монеаҳои акди никоҳ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба никоҳ ба таҷдид ва такмил ниёз доранд.

– **ошкор гардидани** қонунгузории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси принсипҳои ихтиёрии акди никоҳ, яккаҳамсарӣ, баробарҳуқуқии зану шавҳар, ҳаллу фасли баҳсҳои дохилии оила бо ризоияти тарафайн, афзалияти тарбияи мутақобилаи фарзандон ва ғамхорӣ нисбат ба некӯаҳволӣ ва инкишофи онҳо. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории оилавии кишвар мафҳуми ҳуқуқии «оила» ба таври мушаххас пешбинӣ нашудааст. Ин дар ҳолест, ки мавҷудияти мафҳуми «оила» ва «никоҳ» дар қонунгузории оилавӣ аҳамияти бузург дошта, дорои арзиши баланди амалӣ мебошад. Дар ҳар гуна баҳсҳои ҳуқуқие, ки ба оила ва никоҳ алоқаманданд, ҷиҳати муайян намудани ҳолати воқеӣ ва додани баҳои дуруст ба он, ки оила ва ё никоҳи мушаххас расмӣ ё ғайрирасмӣ мебошад, ҳамчунин мутобиқат ё номувофиқати он ба талаботи қонунгузорӣ, танҳо мафҳуми расмии оила ва никоҳ метавонад мусоидат намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки қонунгузории оилавӣ мафҳуми мазкурро муайян ва муқаррар созад;

– **омӯхта шуданд:** таҷрибаи даврахои таърихии ташаккули падидаи никоҳ барои такмил ва пешрафти минбаъдаи институти мазкур дар замони муосир аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Таърихи ташаккул ва рушди институтҳои никоҳӣ дар даврахои гуногун, аз ҷумла зардуштӣ, мусулмонӣ ва низоми ҳуқуқии Шуравӣ имконият медиҳад, ки арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ниёгонро шинохта, онҳоро бо талаботи замони муосир мутобиқ созем. Ин таҳлилҳо ва омӯзишҳо метавонанд дар таҳия ва таҷдиди қонунгузории оилавӣ, инчунин такмили амалӣ ва ҳуқуқии институти никоҳ нақши муассир бозанд. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи таърихӣ як зинаи муҳим дар раванди такмил ва ташаккули институти никоҳ ба ҳисоб меравад.;

– **аз нав такмил додани** моддаи 14 ва ба Кодекси оилаи ҶТ чунин илова ворид карда шавад: «Шахсе, ки бо дигар шахси ҳамҷинс ва ё ғайриинсон никоҳ баста бошад».

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории оила ва дигар паҳлуҳои қонунгузории соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ ба таври васеъ корбурд шаванд.

– **муайян карда шуданд**, ки дар сатҳи таҳқиқоти маҷмуӣ таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии институти никоҳ, фаҳмиши ҳуқуқии категорияҳои «ҳамсарон», «марду зан», «никоҳшавандагон», «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ карданро доранд» ва «шахсони дар никоҳ қарордошта» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки танзими ҳуқуқӣ ва муайян кардани моҳияти ягонаи ҳуқуқии онҳо.

– **Офарида шуд.** «Стратегияи давлатии рушди никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳия карда шуд. Ҳадафи ин стратегияи давлатӣ муайян намудани омилҳои хатарафзо ва таҳлили вазъи кунунии институти никоҳ дар мамлакат мебошад. Ҳамзамон, стратегияи мазкур бояд дурнамои рушди институти никоҳро бо назардошти ниёзҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа муайян созад. Таҳияи стратегияи давлатӣ имкон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар самти ҳимоя ва тақвияти институтҳои оилавӣ ва никоҳӣ ба таври ҳамоҳанг ва самаранок роҳандозӣ шавад, ки ин ба таъмини устувории оила ва беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

– **муаррифӣ карда шуд,** ки масъалаи никоҳ кардани ноболиғон ва ё маҷбуран никоҳ кардан яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва ташвишовар ба ҳисоб меравад. Ба назар мерасад, ки сатҳи корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт ҳанӯз паст мебошад. Хусусан дар манотиқи деҳот зарур аст, ки гурӯҳҳои корӣ ташкил ёфта, маърифати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии аҳолӣ дар бораи оқибатҳои номатлуби никоҳои маҷбурӣ ва никоҳи ноболиғон корҳои фаҳмондадиҳи васеъ гардонда шаванд. Дар ин замина, таҳия ва қабули «Барномаи давлатии коҳиш додан ва аз байн бурдани никоҳҳои маҷбурӣ ва никоҳи ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» пешниҳод мегардад. Ин барнома имконият фароҳам меорад, ки бо роҳандозии чорабиниҳои мушаххас сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва ба вижа ҳуқуқи занону духтарон беҳтар гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар самти инкишофи қонунгузории оила, ба даст оварда шудааст.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Хулосаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқсозӣ ва такмили қонунгузории кишвар мавриди истифода қарор гиранд. Хусусан, хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот дар масъалаҳои марбут ба институти никоҳ, аз ҷумла тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи санадҳои нави ҳуқуқӣ, ҳамчунин таҳия ва қабули стратегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ нақши муҳим мебозанд. Ин пешниҳоди илмӣ имконият медиҳад, ки қонунгузорӣ бо талаботи муосир ва воқеияти иҷтимоии кишвар ҳамоҳанг гардонида шуда, амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳифзи манфиатҳои оилавӣ беҳтар таъмин карда шавад. Ҳамзамон, хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот дар раванди ҳуқуқтатбиқсозӣ барои такмил ва ташаккули муассири институти никоҳ аҳаммияти калони амалӣ доранд ва метавонанд заминаи воқеан устувор барои рушди соҳаи ҳуқуқи оилавӣ гардад.

– **ғоя асоснок шудааст:** Тамоми субъектони никоҳ, дар умум, ҳамчун тарафҳои ақди никоҳ ҳисобида мешаванд ва ибораи «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ бастанро доранд», муайян кардани мафҳум ва ҳайати тарафҳои ақди никоҳро душвор месозад. Қонунгузории оилавӣ дар баробари ин дигар мафҳумҳои норавшанро низ истифода мебарад, ки ба дақиқсозӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, мафҳумҳои ҳамсарон, зан ё шавҳар, никоҳшавандагон ва монанди инҳо. Масалан, Кодекси оила дар м. 16 зимни муайян кардани асосҳои қатъи никоҳ дар қисми якум мафҳуми «ҳамсарон» ва дар қисми дуюм мафҳуми «зан ё шавҳар»-ро истифода бурдааст.

– **муайян шудаанд:** Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва ташвишовар дар соҳаи никоҳ афзоиши сатҳи бекоркунии он мебошад. Муқоисаи нишондодҳои солҳои 2015 то 2022 нишон медиҳад, ки шумораи бекоркуниҳои никоҳ ба 6563 маротиба афзоиш ёфтааст. Ғайр аз ин, бояд зикр намуд, ки на ҳамаи никоҳҳое, ки аз ҷиҳати динӣ қатъ шудаанд, дар сатҳи расмӣ ба қайд гирифта ва бекор карда мешаванд. Омори мавҷуда нишон медиҳад, ки баъзе оилаҳо ҳолати бекоршавии никоҳи худро танҳо ба таври динӣ эътироф намуда, барои расман бекор кардани он ба мақомоти дахлдор муроҷиат намекунанд, ки ин раванд метавонад муддати тулонӣ, гоҳҳо моҳҳо ва ҳатто солҳо идома ёбад. Ин ҳолат бе шак ба нишондиҳандаҳои оморӣ таъсири манфӣ мерасонад ва натиҷагирии дақиқи вазъро мушкил мегардонад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар панҷсолаи охир дар самти қонунгузории никоҳ ягон санади муҳим ва нав таҳия ва қабул нагаштааст. Агар никоҳ асоси шакли оила ҳисобида шавад, пас таваҷҷуҳи аслии давлат бояд ба таҳким ва танзими муносибатҳои никоҳӣ равона гардад.

– **истифода карда шуданд:** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумоти омории солонаи Агентии омор назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун

асоси эмпирикӣ истифода шудааст. Ҳамзамон, қонунгузории оилавӣ, қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, барномаю стратегия ва консепсияҳо дар соҳаи танзими муносибатҳои никоҳӣ асос ёфтааст. Дар диссертатсияи мазкур қонунгузории давраи шуравӣ, қонунгузории муосири Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ васеъ истифода шудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот омори солонаи Агентии омори назди Президенти ҶТ ҳамчун заминаи эмпирикии рисола хизмат намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва услуби таҳияи матни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 07 октябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Файззода Моҳинав Раҷаб дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 13 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раисикунанда муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Золотухин А.В

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Қодиров Н.А.

07 октябри соли 2025